**Ахмадҷонов Парвизҷон Махамадзода,**
доктори фалсафа оид ба фанҳои филологӣ (PhD), муаллими калони кафедраи адабиётшиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона;
parviz95axmadjonov@gmail.com
**Ихтиёрҷонова Гулафшон Бунёдҷоновна,**
донишҷӯи курси 3-юми бахши тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона.
ixtiyorjonovag@gmail.com

## АНЪАНАҲОИ ИНСОНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

**https://zenodo.org/records/18779774**

**Аннотатсия:** Мақола ба таҳқиқи идомаи анъанаи инсондӯстии классикии форсу тоҷик дар ашъори Лоиқ Шералӣ бахшида шудааст. Ҳадафи таҳқиқ муайян намудани вижагиҳои ворисият ва таҷдиди ғояи инсондӯстӣ дар поэтикаи шоири муосир мебошад. Методология бар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили поэтикӣ ва усули интертекстуалӣ сурат гирифтааст. Дар раванди таҳлил ашъори Саъдӣ ҳамчун намунаи барҷастаи анъанаи классикӣ бо байтҳои Лоиқ муқоиса карда шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки Лоиқ Шералӣ суннати инсондӯстии классикиро на ба шакли тақлид, балки дар қолаби бозофаринии эҷодкорона идома дода, онро бо мазмуни иҷтимоӣ ва таърихии асри XX ғанӣ гардондааст. Образи инсон дар ашъори ӯ ҳамчун субъекти ахлоқӣ ва масъули иҷтимоӣ тасвир шуда, инсонигарӣ ба сифати арзиши бунёдии фарҳангӣ ва меъёри бақои ҷомеа матраҳ мегардад.

**Калидвожаҳо:** анъанаи классикӣ, инсондӯстӣ, образи инсон, поэтика, Лоиқ Шералӣ, суннат ва навоварӣ, таҳлили муқоисавӣ.

## LOYIQ SHERALIY SHE’RIYATIDA INSONPARVARLIK AN’ANALARI

**Annotatsiya:** Maqola fors-tojik mumtoz adabiyotidagi insonparvarlik an’analarining Loyiq Sheraliy she’riyatidagi davomiga bag‘ishlangan. Tadqiqotning maqsadi zamonaviy shoir ijodida insonparvarlik g‘oyasining merosiylik va yangilanish xususiyatlarini aniqlashdan iborat. Metodologiya qiyosiy-tarixiy tahlil, poetik tahlil va intertekstual yondashuv asosida olib borildi. Tahlil jarayonida Sa’diy she’riyati klassik an’ananing namunasi sifatida Loyiq Sheraliy asarlari bilan qiyoslandi. Natijalar shuni ko‘rsatadiki, Loyiq Sheraliy klassik insonparvarlik an’anasini oddiy taqlid emas, balki ijodiy qayta talqin qilish orqali davom ettirgan hamda unga XX asr ijtimoiy-tarixiy mazmunini singdirgan. Shoir ijodida inson obrazi axloqiy va ijtimoiy mas’uliyat egasi sifatida talqin qilinadi, insoniylik esa madaniy qadriyat va jamiyat barqarorligining mezoni sifatida yoritiladi.

**Kalit so‘zlar:** klassik an’ana, insonparvarlik, inson obrazi, poetika, Loiq Sherali, an’ana va yangilik, qiyosiy tahlil.

# HUMANISTIC TRADITIONS IN THE POETRY OF LOIQ SHERALI

**Annotation:** This article examines the continuation of the classical humanistic tradition of Persian-Tajik literature in the poetry of Loiq Sherali. The aim of the study is to identify the features of continuity and creative reinterpretation of humanistic ideas in the modern poet's poetics. The methodology is based on comparative-historical analysis, poetic analysis, and an intertextual approach. The poetry of Saadi, as a representative of the classical tradition, is compared with selected poems by Loiq Sherali. The findings demonstrate that Sherali does not merely imitate the classical humanistic tradition but creatively reinterprets it, enriching it with the socio-historical context of the twentieth century. In his poetry, the image of the human being appears as an ethical and socially responsible subject, while humanity is presented as a fundamental cultural value and a criterion for social continuity.

**Keywords:** classical tradition, humanism, image of man, poetics, Loiq Sherali, tradition and innovation, comparative analysis.

**Сарсухан.**

Адабиёти классикии форсу тоҷик дар тӯли асрҳо ҳамчун низоми комили зебоишиносӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ ташаккул ёфта, ба рушди адабиёти давраҳои баъдӣ таъсири амиқ гузоштааст. Ин мероси адабӣ на танҳо аз ҷиҳати шаклу қолабҳои шеърӣ, балки аз лиҳози ҷаҳонбинӣ, низоми образофаринӣ, забон ва тафаккури бадеӣ дорои аҳамияти бунёдӣ мебошад. Дар адабиёти муосири тоҷик, хусусан дар нимаи дуюми асри XX, масъалаи идомаи анъанаҳои классикӣ ба яке аз меҳварҳои асосии таҳқиқи адабиётшиносӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина, ашъори Лоиқ Шералӣ ҳамчун падидаи барҷаста ва намунаи равшани пайванди суннат ва навоварӣ арзёбӣ мегардад.

Дар адабиётшиносӣ мафҳуми "анъанаи классикӣ" маҷмӯи унсурҳои устувори поэтикӣ, ғоявӣ ва услубиро дар бар мегирад, ки дар осори адибони классик ташаккул ёфта, дар эҷодиёти адибони давраҳои баъдӣ идома меёбад.

**Таҳлили адабиётҳо ва методология.**

Анъана – маҷмӯи унсурҳо ва имкониятҳои эҷодии меросист, ки дар раванди (процесси) таърихи асари бадеӣ ҳамеша таҷрибаи мавҷудаю муҳайё истифода мешаванд. Шарти анъана объективона мавҷуд будани он аст, нависанда вайро ҳангоми бидуни тасарруфот истифода менамояд. Маълум аст, ки адабиёти бадеӣ айният (ҷанбаи объективӣ) дораду зеҳният (ҷанбаи субъективӣ). Анъана – объективияти онро ташкил медиҳад. М. Шукуров ва Ю. Акбаров дуруст навиштаанд, ки "маънои истилоҳи "анъана" ба наслҳои баъдина, ба давраҳои оянда ба тариқи мерос гузоштани он таҷрибаи бадеию эстетикӣ ва ғоявӣ мебошад, ки дар беҳтарин осори фолклору адабиёти хаттии бадеӣ ифода ёфтааст. Он ҳама беҳтарин тарафҳои адабиёти гузашта, яъне сабк, санъатҳои бадеӣ, образ ва ғояҳои пешқадами он, ки дар табъу завқ ва салиқаи мардум сахт ҷой гирифта, аз сайқали рӯзгор гузашта то рӯзҳои мо омада расидааст, анъанаи адабиро ташкил мекунад".

Мафҳуми анъана дар адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносии классикии тоҷику форс ҳамчун истилоҳи маъмули адабӣ мавҷуд буд ва он бо калимаҳои урф ва суннат ифода меёфт.

Ба ин унсурҳо қолабҳои шеърӣ (ғазал, қасида, рубоӣ), системаҳои образӣ (ишқ, маъшуқ, табиат, инсон), мафҳумҳои фалсафӣ ва ахлоқӣ (хирад, ишқ, тақдир, адолат) ва забони адабӣ дохил мешаванд. Идомаи ин анъанаҳо метавонад шакли тақлид, такмил ё бозофаринии эҷодкоронаро касб намояд.

**Натиҷа ва муҳокима.**

Образи инсон ва ғояи инсондӯстӣ яке аз муҳимтарин пояҳои адабиёти классикии форсу тоҷик маҳсуб меёбанд. Дар ин анъана инсон на танҳо ҳамчун мавҷуди биологӣ, балки ҳамчун субъекти ахлоқӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ тасвир мегардад. Адабиёти классикӣ инсонро маркази низоми ахлоқӣ қарор дода, арзишҳои адолат, ҳамдардӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва эҳтиром ба шаъни инсонро тарғиб намудааст.

Саъдии Шерозӣ яке аз равшантарин намояндагони анъанаи инсондӯстӣ дар адабиёти классикӣ мебошад. Ӯ инсонро ҷузъи як низоми воҳиди иҷтимоӣ мешуморад. “Банӣ Одам аъзои якдигаранд...” яке аз сутунҳои асосии андешаи инсондӯстӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар ин байт инсоният ҳамчун як пайкари воҳид тасвир мешавад, ки ҳар узви он бо дигар узвҳо дар иртиботи ногусастанӣ қарор дорад. Истифодаи рамзи “узв” ва “пайкар” ба Саъдӣ имкон медиҳад, ки ғояи ваҳдати иҷтимоӣ ва масъулияти мутақобили инсонҳоро ба сатҳи фалсафӣ бардорад: дарде, ки ба як нафар мерасад, наметавонад аз ҷомеа ҷудо бошад, зеро сарнавишти инсонҳо ба ҳам пайваст аст. Аз ин рӯ, бетафовутӣ нисбат ба ранҷи дигарон дар мантиқи ин байт амали ғайриинсонӣ ва хилофи табиати башарист.

Банӣ Одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ин байт мафҳуми ваҳдати иҷтимоӣ ва масъулияти мутақобили инсонҳоро ба таври рамзӣ ва ҳамзамон фалсафӣ ифода мекунад. Ин ғояи умумибашарӣ дар адабиёти муосири тоҷик, бахусус дар ашъори Лоиқ Шералӣ, идомаи мантиқӣ ва замонавии худро пайдо мекунад. Лоиқ, ҳамчун шоири асри XX, мафҳуми инсондӯстиро на дар сатҳи андешаи абстрактӣ, балки дар заминаи воқеияти иҷтимоӣ ва таърихии замони худ баррасӣ менамояд. Дар байтҳои:

Аз ҳаёт, аз замони инсондӯст
Ишқ додам паёми хайрият.
Ҳарфи устод, панди доноён
Сӯи фардо накӯ гуселам кард...

Шоир инсонро маҳсули муҳит, замон ва таҷрибаи маънавӣ мешуморад. Мафҳуми “замони инсондӯст” худ ишора ба давраест, ки арзишҳои ахлоқӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва меҳвари инсон будани ҷомеа бояд дар марказ қарор гиранд. Лоиқ ишқро ҳамчун нерӯи созанда ва ахлоқофар муаррифӣ мекунад, ишқе, ки “паёми хайрият” дорад ва инсонро ба амалҳои нек ҳидоят мекунад.

Ба мисли Саъдӣ, Лоиқ низ ба нақши панду ҳикмат таваҷҷуҳ дорад, аммо ин пандҳо дигар танҳо мероси гузашта нестанд, балки таҷрибаи зиндаи зиндагии иҷтимоӣ мебошанд. “Ҳарфи устод, панди доноён” дар ашъори ӯ ҳамчун пайванди байни анъана ва муосирият зоҳир мешавад, ки инсонро “сӯи фардо накӯ гусел” мекунад. Яъне, инсондӯстӣ дар назари Лоиқ танҳо эҳсос нест, балки барномаи ахлоқӣ ва иҷтимоист, ки ояндаи ҷомеаро муайян месозад.

Байти зерин ғояи асосии инсондӯстии Лоиқро ба таври фишурда ифода мекунад:

То зи инсон дар ҳама баҳру баре
Сабт монад, сабт инсонигарӣ.

Ин андеша идомаи мантиқии анъанаи классикӣ, бахусус афкори инсондӯстонаи Саъдӣ мебошад. Аммо Лоиқ онро бо рӯҳи замони худ ғанӣ гардонда, инсонигариро ҳамчун меъёри бақои таърихӣ ва фарҳангӣ матраҳ месозад. Боз байтҳои дигар Лоиқ идомаи мантиқии андешаи инсондӯстӣ ва худшиносии ахлоқиро тасвир кардааст:

Дур... аз мо чӣ қадар дур замин
Гарчи вай дар таҳи по якрӯест.

Дурии мост на аз худхоҳӣ –
Зинаҳои раҳи инсонҷӯист.

Дар мисраи аввал "дур будани замин" маънои рамзӣ дорад. Замин, ки "дар таҳи по якрӯест", аз лиҳози ҷуғрофӣ ва моддӣ ба инсон наздик аст, аммо аз лиҳози маънавӣ метавонад дур бошад. Ин ҷо шоир ба фосилаи маънавии инсон ишора мекунад.

Мисраи "Дурии мост на аз худхоҳӣ" ин андешаро шарҳ медиҳад: ин фосила натиҷаи худпарастӣ нест, балки ҷузъи раванди такомули инсон аст. Ибораи "зинаҳои раҳи инсонҷӯӣ" рамзи ҳаракат, рушд ва камолоти маънавист. Яъне инсон дар ҷустуҷӯи маънии аслии худ ва инсонигарӣ пайваста дар ҳаракат аст.

Аз нигоҳи пайванди суннат ва муосирият, ин андеша бо анъанаи классикии худшиносӣ ва камолот (дар осори Мавлоно ва дигарон) ҳамсадо мебошад. Аммо Лоиқ онро дар заминаи тафаккури иҷтимоии асри XX тафсир карда, инсонро мавҷуде мешуморад, ки роҳи камолро тавассути худогоҳӣ ва масъулияти ахлоқӣ тай мекунад.

Ҳамин тавр, ин байтҳо инсонигариро на ҳолати собит, балки раванди пайвастаи ҷустуҷӯ ва такомул муаррифӣ менамоянд.

"Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност!". Ташбеҳи мазкур дорои зарфияти баланди рамзӣ ва маъноии бадеӣ мебошад. Об, ҳарчанд ба қисматҳои ҷудогона тақсим гардад, аз нигоҳи хусусияти фитрии худ тамоюли боз ба ҳам пайвастанро нигоҳ медорад. Маҳз ҳамин хосияти табиии об дар сухани шоир ба рамзи воҳидият табдил ёфтааст.

Дар тафсири маъноӣ ин образ ба идеяи ягонагӣ ва ҳамбастагии мардум ишора мекунад. Лоиқ Шералӣ бо истифода аз як ташбеҳи сода, вале пурбор, андешаи пайванди аслии таърихию маънавии аҳли як фарҳанг ва тамаддунро таъкид менамояд. Ба ин тартиб, образи об на танҳо унсури табиат, балки нишонаи рамзии бозгашт ба асл, ҳамгароӣ ва устувории риштаҳои муштараки мардумӣ маънидод мегардад. Аз нигоҳи поэтика, ин ташбеҳ намунаи идомаи анъанаи образофаринии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ низ ба шумор меравад, ки дар он унсурҳои табиат барои баёни ғояҳои инсондӯстона ва ваҳдатгароёна фаровон истифода шудаанд.

**Хулоса.**

Бо такя ба таҳлили маводи назариявӣ ва матни ашъори баррасишуда метавон ба натиҷа расид, ки анъанаи классикии форсу тоҷик ҳамчун низоми мукаммали зебоишиносӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дар тӯли таърих хусусияти устувори поэтикӣ ва ҷаҳонбинӣ касб намуда, дар адабиёти муосир, аз ҷумла дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, идомаи табиӣ ва эҷодкоронаи худро пайдо кардааст. Анъана, тибқи таърифи адабиётшиносон, на танҳо мероси шаклӣ (қолабҳои шеърӣ, санъатҳои бадеӣ, системаҳои образӣ), балки маҷмӯи арзишҳои ғоявию эстетикиест, ки аз тариқи мерос ба наслҳои баъдӣ интиқол ёфта, дар заминаи нав таҷдид ва бозофаринӣ мегардад.

Таҳлили муқоисавии образи инсон ва ғояи инсондӯстӣ дар осори классикӣ (махсусан дар ашъори Саъдӣ) ва эҷодиёти Лоиқ нишон медиҳад, ки меҳвари асосии ин анъана инсон ҳамчун субъекти ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар байти машҳури "Банӣ Одам аъзои якдигаранд..." Саъдӣ модели фалсафии ваҳдати иҷтимоиро пешниҳод намуда, масъулияти мутақобили инсонҳоро дар доираи як низоми воҳиди ҳастӣ таъкид мекунад. Ин андеша ба сифати сутуни маънавии адабиёти классикӣ арзёбӣ гардида, дар заминаи фарҳанги тоҷикӣ ба меъёри ахлоқии умумибашарӣ табдил ёфтааст.

Лоиқ Шералӣ ин суннатро дар шароити иҷтимоӣ ва таърихии асри XX идома дода, ба он мазмуни тоза ва тафсири замонавӣ мебахшад. Дар ашъори ӯ инсондӯстӣ аз сатҳи ғояи абстрактӣ ба барномаи мушаххаси ахлоқӣ ва иҷтимоӣ табдил мёёбад. Ибораҳое чун "замони инсондӯст", "паёми хайрият", "сабт инсонигарӣ" ва "зинаҳои

раҳи инсонҷӯӣ” нишон медиҳанд, ки шоир инсонигариро ҳамчун меъёри бақои фарҳангӣ ва таърихии ҷомеа мешуморад. Дар ин замина, инсонигарӣ на ҳолати собит, балки раванди динамикии худшиносӣ ва камолоти маънавӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлили поэтикӣ нишон медиҳад, ки Лоиқ аз унсурҳои суннатии образофаринӣ (рамз, ташбеҳ, такрор, муқобила) истифода намуда, онҳоро дар низоми маънавии муосир фаъол месозад. Ташбеҳи “Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност” идомаи мантиқии ғояи ваҳдат ва ягонагии инсонҳост, ки дар анъанаи классикӣ реша дошта, дар шароити нави таърихӣ мазмуни иҷтимоӣ ва миллӣ касб мекунад. Ҳамин гуна, пайванди суннат ва навоварӣ дар ашъори Лоиқ хусусияти синтетикӣ дошта, на ба тақлиди зоҳирӣ, балки ба бозофаринии маънавӣ такя мекунад.

Дар маҷмӯъ, метавон хулоса кард, ки эҷодиёти Лоиқ Шералӣ намунаи барҷастаи идомаи анъанаи классикӣ дар адабиёти муосири тоҷик мебошад. Образи инсон ва ғояи инсондӯстӣ ҳамчун меҳвари поэтикаи ӯ идомаи мантиқии суннати адабии форсу тоҷик буда, дар айни замон бо рӯҳи замон, худшиносии миллӣ ва масъулияти иҷтимоии асри XX ғанӣ гардидааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ашъори Лоиқ дар заминаи назарияи анъана имкон медиҳад, ки равандҳои ворисият, тағйир ва такомули поэтикаи миллӣ дар адабиёти тоҷик ба таври илмӣ равшан гарданд.

**Адабиётҳои истифодашуда**

1. Лоиқ Шералӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2008.
2. М. Шукуров, Ю. Акбаров. Анъана ва навоварӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976.
3. Раҳими Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маъориф, 1990.
4. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.
5. Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборон. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1996.
6. https://istaravshani.com/2015/03/%D0%BE%D0%B1%D0%B0%D0%B3%D0%B0%D1%80-%D1%81%D0%B0%D0%B4-%D0%BF%D0%BE%D1%80%D0%B0-%D0%B3%D0%B0%D1%80%D0%B4%D0%B0%D0%B4-